**Ҷаласаи гурӯҳи кории таҳияи барномаҳои таълимии забонҳои хориҷӣ вобаста ба "Таҳияи барномаҳои таълимии забонҳои хориҷӣ барои муассисаҳои томактабӣ"**

Санаи 5-уми сентябр дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷаласаи гурӯҳи кории таҳияи барномаҳои таълимии забонҳои хориҷӣ баргузор гардид.

Дар ҷаласа 5 дастхатти барномаҳои таълимии забонҳои хориҷии таҳияшуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷиҳати мукаммал сохтани онҳо эроду пешниҳодҳо манзур шуд.

Боиси хушнудист, ки гурӯҳи кории таҳияи барномаҳои таълимии забонҳои хориҷӣ аз ҳисоби мутахассисони забондон ва кормандони муассисаҳои томактабӣ ташкил карда шудааст. Ин имкон медиҳад, ки дар ҷараёни ҷойгузории мавзуъҳо мувофиқатии синну соли кӯдакон ва пайдарпайи мавзуҳои таълимӣ риоя гардад.

Дар ҷаласа пешниҳод шуд, ки дар таълими машғулияти забони русӣ 1 мавзуъ барои 2 соати таълим ҷудо карда шавад. Дар он сурат ҳам мақсади машғулият ва ҳам қисмати мустаҳкамкунии мавзуъ таъмин мегардад.

Қайд гардид, ки дар баробари омӯхтани ашёву предметҳо бо забони англисӣ бояд тафаккури мантиқии кӯдаконро густариш диҳем.

Ҳадафи таҳияи барномаҳои таълими муосир низ, такмил додани тафаккури мантиқии кӯдакон ва рушди қобилияти дар хотирнигоҳдории онҳо мебошад.

Сипас президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор Ш. А. Сафаров ба ҷаласа ташриф оварда, аз ҷараёни таълифи барномаҳои таълимӣ пурсон шуда, ибрози ақида намуданд, ки ин иқдоми гурӯҳи корӣ ҷиҳати таҳияи барномаҳои таълимии забонҳои хориҷӣ барои муассисаҳои томактабӣ шоёни таҳсин аст. Зеро таҳсилоти томактабӣ зери таваҷҷӯҳи Сарвари давлат қарор дорад. Ҷавобан ба ин ғамхориҳои Роҳбарияти Олии Хукумати мамлакат мо маорифчиёнро мебояд, ки таҳия ва коркарди барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методиро мутобиқ ба таҳсилоти замони муосир таҳия созем, афзуд Ш. Сафаров.

Дар фарҷом президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон - Ш. А. Сафаров ҳозиринро бо оғози соли нави хониш ва ҷашни давлатии Истиқлолияти Тоҷикистон табрику муборакбод намуда, аз ҳозирин даъват ба амал оварданд, ки ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди соҳаи маориф саҳмгузор бошанд.




Русский язык









